*Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ш. Душанбе, кӯчаи Нахимова 64/14)*

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ибодов Аваз Ҳасанович дар мавзуи “Масъалаҳои ташаккули маърифати молиявӣ ҳамчун омили рушди низоми бонкӣ” барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

Маърифати молиявӣ раванди ирсоли иттилоот ва дастурҳо ба шаҳрвандон, истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва кормандон барои баланд бардоштани дониш ва фаҳмиши онҳо дар бораи мафҳумҳои молиявӣ, маҳсулоти молиявӣ, тақсимоти буҷаи оила ва банақшагирии даромаду хароҷот мебошад. Илова ба рушди малакаҳо, он ба одамон кӯмак мекунад, ки эътимоди заруриро барои қабули қарорҳои оқилона пайдо кунанд. Ҳадафи ниҳоӣ ин аст, ки ба одамон имконият диҳад, то барои некӯаҳволии молиявии худ амал кунанд. Маърифати молиявии паст метавонад ба афзоиши нобаробарии дороиҳои аҳолӣ таъсири манфӣ расонад. Манфиатҳо аз баланд бардоштани маърифати молиявӣ ин пасандозҳои самараноки нафақа ва идоракунии беҳтари қарзҳоро дар бар мегиранд. Аммо, ба даст овардани маърифати молиявӣ сармоягузории назарраси вақт ва пулро талаб мекунад. Маърифати молиявӣ бо натиҷаҳои беҳтари молиявӣ, ба монанди сарфаи самараноктар ва идоракунии беҳтари қарз алоқаманд аст. Тафовут дар маърифати молиявӣ метавонад нобаробарии сарватро афзоиш диҳад, аз ин рӯ мудохилаҳои барвақти маърифати молиявӣ метавонанд нобаробарии сарватҳоро коҳиш диҳанд. Омӯзиши маърифати молиявӣ дар муассисаҳои таълимӣ ба рафтори молиявии аҳолӣ таъсири мусбӣ мерасонад.

Дар автореферати диссертатсияи мазкур қайд карда мешавад, ки маърифати молиявии аҳолӣ нисбатан вақтҳои охир ба маркази таҳқиқоти илмии муосир табдил ёфтааст. Аз он ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ истилоҳи «маърифати молиявӣ» дар амалия ҷорӣ карда шуд.

Муаллиф ба хулосае меояд, ки то имрӯз ягон таърифи ягонаи мафҳуми «Маърифати молиявӣ» вуҷуд надорад. Яъне ҳар як муҳаққиқ истилоҳи мазкурро дар асоси дидгоҳи худ ва мувофиқи андешаи худ тафсир кардааст. Аз ҷумла, мавқеи маърифатнокии молиявии аҳолӣ ҳамчун омили рушди низоми бонкӣ чӣ дар адабиёти ватанӣ ва чӣ дар сарчашмаҳои илмии хориҷӣ мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор нагирифта, таҳқиқоти амиқи илмӣ анҷом дода нашудааст дар ин самт.

Ҳамин тариқ, дар асоси омӯзиши маводи гирифташуда метавон гуфт, ки маърифати молиявӣ ҳамчун қобилияти муайяни шахс барои ноил шудан ба ҳадафҳои молиявӣ бо мақсади беҳтар кардани фаъолияти молиявии худ фаҳмида мешавад.

Аз рӯи автореферат хулоса баровардан мумкин аст, ки диссертатсия ба таври умумӣ, сохтори мантиқӣ дошта, таҳқиқоти мукаммали мустақил буда, бо равишҳои ҷолиби назариявӣ ва методологии масъалаи таҳқиқшаванда оид ба ташаккули маърифати молиявӣ ва таъсири он ба рушди низоми бонкӣ хос аст. Дар ин ҳолат на танҳо миқдори назаррраси донишҳои аз берун дар соҳаи омӯхташуда истифода мешавад, балки дар баъзан мавридҳо кӯшишҳои бомуваффақият пурра кардани он бо фарзияҳои муаллиф ва таҳқиқоти иқтисодӣ сурат мегиранд.

Ба муаллифи рисола муяссар шудааст, ки як қатор умумиятҳои ҷолиб, аз ҷиҳати методологӣ умедбахшро ба миён гузорад, ки онҳоро метавон ҳамчун унсурҳои нав муайян кард, аз ҷумла, равшансозии муқаррароти назариявӣ оид ба масъалаҳои рушди низоми бонкӣ аз тариқи призмаи маърифати молиявии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон сазовори диққат аст.

Ба кори илмии таҳқиқшаванда баҳои мусбат дода, якчанд эродҳоро мехоҳам қайд намоям:

1. Дар банди дуюми навгонии илмӣ омадааст, ки «...ба раванди баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ метавонанд омилҳои гуногун таъсир расонанд», аммо шарҳи онҳо дар автореферат пурра дарҷ нагардидааст

2. Дар саҳифаи 49 (расми 4)-и автореферат Самтҳои асосии таҳкими маърифати молиявии аҳолӣ нишон дода шудааст, вале номгӯи онҳоро боз ҳам идома додан мумкин буд.

Лекин эродҳои ба таҳқиқот баёншуда тавсиявӣ буда ба кори дисертатсияи муаллиф халал намерасонанд.

Хулоса метавон гуфт, ки дар асоси автореферат таҳқиқоти дисертатсияи илмии Ибодов Аваз Ҳасанович дар мавзуи “Масъалаҳои ташаккули маърифати молиявӣ ҳамчун омили рушди низоми бонкӣ” кори анҷомёфтаи илмӣ, дорои натиҷаҳои аслӣ буда, ба шиносномаи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат менамояд ва унвонҷӯ аз рӯи ихтисоси зикр гардида сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ,
дотсенти Институти иқтисодиёт
ва демографияи Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон — Каримова М.Т

Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Каримова М.Т.-ро “Тасдиқ менамоям”

Сардори шуъбаи кадрҳои
ИИД АМИТ — Қурбонов Э.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 734024, кӯчаи С. Айнӣ 44, Почтаи эл.: info@ied.tj; www.ied.tj; Тел: +992 (37) 221-67-50; +992 (37) 221-57-65; Факс: +992 (37) 221-67-50